Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Умарзода Навруз Нурулло ба диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба бандҳои 7, 15, 19, 22 ва 24-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити имрузаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бо сабабҳои афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ, маҳдудшавии бозори дохилии меҳнат, сатҳи пасти таъминнокии соҳаҳои иқтисодиёт бо технологияҳои ҳозиразамон, кӯҳнашавии фондҳои асосии субъектҳои хоҷагидорӣ, сатҳи пасти рақобат ва ғайраҳо ин ҷараёнро боз ҳам пурзӯр карда истодааст. Ин омилҳо дар навбати худ ба камшавии ҷойҳои корӣ ва набудани сатҳи муътадили музди маош оварда расонида, замина барои рушди ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ гардиданд. Барои таъмини рушди устувории маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, давлат бояд дар навбати худ бахши иқтисодиро равнақ диҳад, ки иқтидори рушд ва самаранок истифодабарии қувваи кориро доро бошад.

Дар шароити имруза дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар ноҳияҳои дурдасти вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори деҳот дар сатҳи паст қарор доранд. Аз ҳамин сабаб, қисми зиёди аҳолӣ маҷбур мешаванд, ки бо мақсади дарёфти даромад ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ ҷойи зисти худро тарк кунанд.

Дар ин ҳолат зарурияти баҳисобгирӣ ва назорати чунин категорияи одамон ба миён меояд, чунки ҳаракати беназорати шаҳрвандони вилоят дар дохили ҷумҳурӣ ба проблемаҳои хусусияти демографидошта ва вайроншавии тавозуни байни истеҳсолоти кишоварзӣ ва қувваи истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оварда мерасонад. Дар айни замон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз самти вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла бо дарназардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон мебошад. Дар ин самт афзалиятнокии соҳаи институтсионалии бахши аграрии иқтисоди минтақаҳои ҷумҳурӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, мусоидат ба низоми самарабахши муносибати бисёрсоҳавӣ, рушди робитаҳои интегратсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, ташаккули зеркомплексҳои хӯрокворӣ ва кластерҳои ҳудудӣ муҳим мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба ҳайси навгониҳои илмӣ муаррифӣ гаштаанд, ки ба коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ мусоидат намудаанд.

Натиҷаҳои асосие, ки дар кори диссертатсионӣ баён шудаанд ва унсурҳои навгонии илмиро дар бар мегирад, чунинанд:

1. Бо такя ба афкори омӯхташудаи олимони иқтисодшиноси ватаниву хориҷӣ муқарраротии муаллифӣ оид ба идоракунии раванди муҳоҷират пешниҳод гардидааст, ки бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ буда, маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити киро, истифода ва ивази қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии онро дар бар гирифта, методикаи арзёбии он муайян карда шудааст.

2. Тавсия карда шуд, ки истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии мамлакатҳои Олмон, Фаронса ва Федератсияи Россия барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ, сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар бораи ҷойҳои кории холӣ ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ ба роҳ монда шавад.

3. Муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи мавриди таҳлил нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст, ки яке аз сабабҳои асосиаш, ба андешаи муаллиф, паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Инчунин, муайян намуд, ки пандемияи COVID-19 яке аз омили асосии барзиёдии қувваи корӣ,

рушди соҳаи кишоварзӣ барои афзоиши содирот имкониятҳои бештар пайдо мекунанд.

4. Омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии объекти таҳқиқот муайян ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзии иқтисодиёти вилояти Хатлон ва ҳалли мушкилоти он тавассути истифодаи оқилонаи неруи меҳнатии муҳоҷирон дар бозори меҳнат, рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот дар асоси татбиқи усули кластерӣ пешниҳод карда шуааст.

5. Пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми амалигардонии самтҳои афзалиятноки идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон суръати рушд дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, ҳиссаи асосии афзоиши ҳарсолаи маҷмуи маҳсулоти минтақавиро таъмин намуда, ҷиҳати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва паст кардани сатҳи номуташаккилии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ мусоидат менамояд.

6. Пешниҳодоти муаллиф оид ба сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ҳамчун омили мусбати рушди он, ҳамоҳангсозии ҳадафҳо ва самтҳои сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар соҳаи кишоварзӣ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба равандҳои муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Илова бар ин, масоили мубрами самти такмили равандҳои муҳоҷиратро таҳлил намуда, бо маълумотҳои дақиқи таҷрибавӣ асоснок кардааст. Дар таҳқиқот пайдарҳамии назарияи ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ карда шудааст, инчунин ҳамаи масъалаҳо ва пешниҳодот бо рақам ва маълумоти оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор оид ба мавзуи таҳқиқот мустаҳкам гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои муаллиф интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз маҷмуи муқарраротҳи методие иборат аст, ки асосро барои ташаккули фаъолияти бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақавӣ дар бар гирифтааст. Муаллиф ҳангоми баррасии мавзуъ ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин,

ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Тоҷикистон такя намуда, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, роҳҳои такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзиро муайян намудааст.

Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд, дар фаъолияти амалӣ ҳангоми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа, инчунин Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Дар бробари ин, маводи таҳқиқотро метавон дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курсҳои бозори меҳнат, иқтисодиёт ва идоракунӣ, менеҷмент, инчунин ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курсҳои махсус дар ҳама факултетҳои равияи иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода бурд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мукаррароти натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 175 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, фарогири 27 ҷадвал, 10 расм ва 3 диаграмма мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия ва дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок гардида, мақсаду объект ва мавзуи таҳқиқот, навгонии илмӣ, асоснокқунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот дар самти таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ баён гардидааст (саҳ. 4-13).

Боби 1. **«Асосҳои назариявии таҳқиқи бахши кишоварзии бозори меҳнат дар замони муосир ва алоқамандии он бо муҳоҷирати меҳнатӣ»** (саҳ. 16-67). Дар қисмати аввали диссертатсия масъалаҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ ва методикаи равандҳои он дар соҳаи кишоварзии минтақа арзёбӣ гардида, истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба имкониятҳо оид ба таъсири муҳоҷират ба бахши кишварзии минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ фикру ақидаҳои олимони соҳаи иқтисодиро гирд оварда, ақидаи муаллифии худро оид ба бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст. Ба андешаи муаллиф, бозори меҳнати соҳаи

кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ буда, маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити кироя, истифода ва ивази қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкуниро, ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки ҳар як соҳаи илм методологияи худро истифода мебарад, ки ба дарки ҳақиқат дар доираи объект ва мавзуи таҳқиқот нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, муаллиф методологияи таъсири раванди муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақаро дар асоси ҳамгироии дастгоҳи методии соҳаҳои баррасишавандаи илм пешниҳод кардааст, ки боиси дастгирӣ мебошад (саҳ. 42, расми 1.2).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия соҳаи кишоварзии мамлакатҳои тараққикарда ҳарчи бештар ба коргарони мавсимие, ки ба киштукор, ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, вобаста мебошанд. Илова бар ин, дар як қатор мамлакатҳо барномаҳои махсусе барои ҷалби коргарони мавсимӣ ҷиҳати корҳои деҳқонӣ аз хориҷи мамлакат, бобати ҷуброни норасоии қувваи корӣ дар авҷи мавсими корҳои кишоварзӣ мавҷуданд. Оид ба ин масъала, довталаб тадбирҳоеро, ки мамлакатҳои хориҷа барои паст намудани хавфҳои нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар бахши кишоварзӣ ба кор гирифтаанд, тахия намудааст (саҳ. 49, расми 1.3).

Боби 2. **«Таҳлили равандҳои муосири муҳоҷират дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бахши кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 62-109). Дар ин қисмат масъалаҳои марбут ба ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишоварзӣ, омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат таҳлил ва муайян гардида, кластерикунонӣ ҳамчун усули коҳишдиҳии таъсири номатлуби муҳоҷирати қувваи корӣ ба бахши кишоварзии объекти таҳқиқот мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ такя ба маълумотҳои оморӣ карда, дар шакли ҷадвал тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлонро таҳия намудааст. Аз маълумотҳои ҷадвал маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2016-2021 аз 13839,0 то 20694,5 млн. сомонӣ ва ё бештар аз 45,8% зиёд шудааст. Вазни хоси маҳсулоти растанипарварӣ соли 2021 74,3% ва соли 2016 72,7%-ро ташкил дод, яъне ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ 1,6% зиёд гардидааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти чорводорӣ низ нисбати соли пешин, яъне соли 2020 ба андозаи 8,2% низ зиёд гардидааст. Нишондодҳои ҷадвал шаҳодат аз он медиҳанд, ки суръати зиёдшавии маҳсулоти кишоварзии соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ нисбат ба соли қаблӣ устувор аст (саҳ. 63, ҷадвали 2.1).

Аз мутолиаи диссертатсия маълум гардид, ки яке аз сабабҳои кам шудани сафи муҳоҷирон аз зиёд шудани корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ вобастаги дорад. Вобаста ба ин, диссертант дар шакли диаграмма афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва зиёдшавии фоида аз фаъолияти онҳо дар вилояти Хатлонро пешниҳод намудааст (саҳ. 72, диаграммаи 2.2).

Бояд тазаккур дод, ки офатҳои табиӣ пешгӯинашаванда буда, метавонанд ҳазорҳо нафар одамонро дар як вақт муҳоҷир намояд. Муҳоҷиршавии аҳолӣ аз сабаби иқлим аллакай мавсимӣ мебошад. Ҳамасола ба ҳаёти ҳазорҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар натиҷаи ҳодисаҳои хатарноки обу ҳаво ва иқлим таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамин ҳолатҳоро унвонҷӯ ба назар гирифта, бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ҳодисаҳои фавқулода дар вилояти Хатлонро дар шакли ҷадвал баррасӣ намудааст. Аз маълумотҳои пешниҳодшуда бармеояд, ки дар вилояти Хатлон соли 2016 693 адад ҳодисаҳои фавқулода ба андозаи 19930,6 ҳазор сомонӣ ба иқтисодиёти вилоят хисорот оварда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 580 адад ҳодисаҳои фавқулода ва ба маблағи 96473,1 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст (саҳ. 82, ҷадвали 2.10).

**Боби 3. «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати минтақавӣ ва коҳишдиҳии таъсири он ба бахши кишоварзӣ»** (саҳ. 110-145). Дар қисмати сеюми таҳқиқот аз тарафи диссертант самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ асоснок карда шуда, роҳҳои такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки вилояти Хатлон дорои иқтидори хуб барои ҳал намудани мушкилоти идоракунии раванди муҳоҷират ва таъсири он ба соҳаи кишоварзии минтақа ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, қайд мекунад, ки зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ бо мақсади тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон, таъсиси ҷойҳои корӣ, омӯзиши муҳоҷирон ба технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа, сармоягузорӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолии минтақа боиси самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа мегардад (саҳ. 114, расми 3.1).

Дуруст аст, ки идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ҳамчун қисми ҷудонашавандаи системаи идоракунии давлатӣ мебошад. Самаранокии идоракунии давлатӣ аз дуруст интихоб кардани механизму воситаҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад. Чунки, омӯзиши механизмҳо ва омилҳои муҳоҷирати аҳолӣ, дар маҷмуъ муайянкунандаи

равандҳои муҳоҷират мебошад. Дар робита ба ин масъала, муҳаққиқ алоқамандии байни унсурҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ бо усулҳои иқтисодии идоракунӣ дар шакли расм таҳия намудааст (саҳ. 128, расми 3.2).

Боиси дастгирист, ки муҳаққиқ дар таҳқиқоти илмӣ сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаро дар шакли расм таҳия намудааст. Аз расм маълум мегардад, ки таносуби дурусти истифодаи афзорҳои танзими давлатии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси истифодабарии равиши системавӣ имконпазир мебошад. Вобаста ба ин, ба ақидаи муаллиф, танҳо чунин сохтор возеҳият, пешбинишаванда ва эътимоднокии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнатро таъмин менамояд (саҳ. 135, расми 3.4).

Дар **хулоса ва пешниҳодҳои** кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 146-152).

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Кори диссертатсионии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳо лозим ба қайд мебошанд, ба монанди:

1. Диссертант дар боби якум диссертатсия бо такя ба асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро нишон додааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегардид, агар муаллиф таҷрибаи назарияи пешқадами равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақаро васеътар таҳлил менамуд.

2. Муаллиф дар зербоби 2.1-и диссертатсияи илмии худ яке аз сабаби муҳоҷир шудани шаҳрвандонро ба сатҳи пасти соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори деҳот вобаста медонад. Хуб мешуд, ки муаллиф барои бартараф намудани ин масъала дар кор ягон ақидае пешниҳод менамуд.

3. Ҳангоми муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон дар сатҳи минтақа муаллифро зарур буд, ки ба масъалаҳои мубрами таъмини муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бештар таваҷҷӯҳ мекард.

4. Дар диссертатсияи илмӣ баъзе камбудиҳои стилистикӣ ва ороишӣ дида мешавад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаргардида, ба мазмуну мухтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Дар умум, кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, кори илмии баанҷомрасида мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони
кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ Умарзода Н.Н.

Дурустии имзои Умарзода Н.Н.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

*Суроға:*
*734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,*
*Сомона: www.tgfeu.tj, E-mail: info@ddmit.tj*